# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ДИРЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Душанбе – 2023

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023, №11/11 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**

**Шердилова Сурайё** – н.и. филологӣ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

**Раҳматшоев Исфандиёр** – мудири афедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

**Муқарриз:**

**Ҳакимова Б.** – Ходими калони илмии раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муҳаррир:**

**Ҳасанов Саидашраф-** омӯзгори калони иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ

Барномаи мазкур бо дарназардошти талаботи замони муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мақсади ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани онҳо бо ҳадафу моҳияти тағйироти сохторӣ ва ислоҳоти дар соҳаи маорифи кишвар ба вуқуъ пайваста тавсия карда мешавад.

Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, дискҳо, филмҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

# ПЕШГУФТОР

Имрӯз кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот қарор дошта, мутобиқи талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар тамоми соҳаҳо дигаргуниҳои густурда амалӣ гашта истодаанд, ки тибқи он ҳадафи олии он рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Албатта, ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ва дар қатори кишварҳои пешрафтаи муосири ҷаҳон мавқеи арзанда пайдо кардани мамлакати мо, пеш аз ҳама ба рушди илму маориф ва дар ин замина тарбия намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ, вобаста мебошад, чунки агар мо ба сифати омода намудани кадрҳои ояндасоз тавaҷҷуҳ зоҳир накунем, сатҳи касбии онҳоро баланд набардорем ва онҳоро бо маълумоти мукаммали замонавӣ мусаллаҳ насозем, рушди устувори ояндаи кишварро таъмин каода наметавонем.

Муҳайё сохтани шароити мусоиди таълимиву тарбиявӣ ва гузариш ба низоми таҳсилоти рақамӣ, ки маҳз дар даврони Истиқлолоият шуруъ гардидааст, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло дар соҳаи маориф татбиқи стандартҳои нави таълимӣ идома дошта, таълими хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шудааст, ки он дар навбати худ зарурати ворид намудани шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш, мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва тақвияти малакаву маҳорати касбии омӯзгорон, таҳияву таълифи насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд баланд бардоштани сифати курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон хеле муҳим буда, шинос намудани онҳо бо усулҳои фаъоли таълим, методҳои нави таълиму тарбия, азхудкунии техника ва технологияҳои замонавӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбии ҳар як фанну

ихтисос ҳатмӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо дарки он, ки омӯзгорон дар назди хонандагон масъулияти баланд дошта бошанд, онҳо бояд ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд.

Барномаи таълимии мазкур намунавӣ буда, барои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ҳаҷми 90 соат таҳия шудааст.

Барномаи намунавии таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (с. 2013), Консепсия миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикитсон то соли 2030, Низомнома ва Оинномаи ДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Мақсади асосии барнома баланд намудани маҳорати касбии директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нав дар соҳаи идоракунӣ мебошад.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан усулҳои нави таълим ва идоракуниро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни идоракунӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба директорон имконият медиҳад, ки дар кори худ ин ё он усулро интихоб намуда, равиши идоракуниро мукаммал намоянд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим** - мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷаи онҳо, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути онҳо мавзуъ ва мундариҷаи он таҳлилу баррасӣ шуда, азхуд карда мешаванд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт** - вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

– сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;
– навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;
– мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;
– усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;
– малакаҳои тафаккури интиқодиро донанд ва онҳоро дар омӯзгор ва хонандагон рушд дода ва дар ин хусус ба онҳо маслиҳат дода тавонанд;

– ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;
– асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанҳо мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;
– мавзуъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда тавонанд ва ба омӯзгорон дар ин хусус маслиҳат дода тавонанд;
– муносибати босалоҳият ба таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро донанд;
– методология ва методҳои муосири таълимро истифода карда тавонанд.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

•моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

•талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии омӯзгор;

•асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;

•истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанҳо;

•моҳият, хусусият ва усулҳои таҳқиқоти илмиро донад.

**Салоҳият:**

•таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

•мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонад;

•фаъолияти мустақилии омӯзгорон ва хонандагонро ҳангоми кор бо технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда тавонад;

•барномаҳои таълимии иловагиро оид ба фанҳои таълимӣ ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб ва арзёбӣ карда тавонад;

•мустақилона саволномаҳоро оид ба аттестатсияи ҷамбастӣ (ретинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторина аз фаннҳои таълимӣ тартиб ва омода намояд;

•аттестатсияи омӯзгоронро тибқи муқаррарот ташкил ва баргузор карда тавонад;

•маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикӣ оид ба таълими фанҳоро бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;

•дар асосии донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаринида тавонад.

• асосҳои кор бо компютер, тахтаи электронӣ ва дигар таҷҳизоти техникии таълимӣ: кор дар: барномаи системаи иттилоотии ҷамъоварии маълумоти омории Emis ва барномаи электронии «eDonish» истифодаи манбаҳои иттилоотии таълимӣ аз шабакаи Интернет, мақсаднок истифода бурдани почтаи электронӣ, сомонаҳои таълимӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани низоми таълими фосилавӣ, дарсҳои аидеоӣ ва ташкили вебинарҳо ва конфенренсияҳои онлайнӣ тавассути Zoom, Microsoft Teams, Skype, Discord.

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

•технологияи муосири педагогии таълими фанҳо;

•истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳали барномаҳои касбӣ;

•методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷиши) ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба суроғаи электронии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи **маориф** **takmili.ihtisos@maorif.tj** ирсол намоянд

## НАҚШАИ
## таълимии курси такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 2. | **Тахассус, такмили маҳорати касбӣ** | **90** | **36** | **54** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **108** | **44** | **64** |

**Нақшаи**
**тақвимии ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | **Мактабшиносӣ (тахассус)** | **90** | **36** | **54** |
| 1.1. | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | **6** | **4** | **2** |
| 1.2. | Нақшаи солонаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва принсипҳои мураттабсозии он | **4** | **2** | **2** |
| 1.3. | Оинномаи муассисаи таълимӣ | **4** | **1** | **3** |
| 1.4. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | **4** | **2** | **2** |
| 1.5. | Раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ | **4** | **1** | **3** |
| 1.6. | Роҳҳои амалӣ намудани «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **4** | **2** | **2** |
| 1.7. | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | **6** | **2** | **4** |
| 1.8. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» | **6** | **4** | **2** |
| 1.9. | Аттестатсияи кормандони педагогӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда | **4** | **2** | **2** |
| 1.10. | Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон | **2** | **2** | **0** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.11. | Кори амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | **6** | **1** | **5** |
| 1.12 | Арзишҳо ва функсияҳои асосии таҳсилоти иловагӣ | **4** | **2** | **2** |
| 1.13 | Фаъолияти беруназмактабӣ, беруназсинфӣ, беруназдарсӣ | **4** | **1** | **3** |
| 1.14. | Ташкили машғулият дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | **4** | **2** | **2** |
| 1.15. | Фаъолияти ташкилӣ ва сохтории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | **4** | **2** | **2** |
| 1.16. | Нақша, мушоҳидаи дарс ва таҳлили он | **4** | **2** | **2** |
| 1.17. | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ. Заминаҳои ба вуҷуд омадани коррупсия. Савдои одамон. | **4** | **2** | **2** |
| 1.18. | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм | **4** | **2** | **2** |
| 1.19. | Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ | **2** | **1** | **1** |
| 1.23. | **Менеҷменти молиявӣ** | **18** | **6** | **12** |
| 2. | Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассиса | **6** | **2** | **4** |
| 2.1 | Асосҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ. | **6** | **2** | **4** |
| 2.2. | Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ | **6** | **2** | **4** |
| 2.3. | **Ҳамагӣ:** | **90** | **36** | **54** |
| 3. | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| 3.1. | Нақшаи стратегӣ | **4** | **1** | **3** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.2. | Шаклҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ | **6** | **2** | **4** |
| 3.3. | Идоракунии коллективи педагогӣ | **4** | **1** | **3** |
| 3.4. | Татбиқ намудани стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ | **4** | **2** | **2** |
| 3.5. | Системаи иттилоотии идораи маориф | **2** | **1** | **1** |
| 3.6. | Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | **4** | **2** | **2** |
| 3.7. | Таҳсил дар асри 21 | **2** | **1** | **1** |
| | **Ҳамагӣ** | **26** | **12** | **16** |

**Эзоҳ: лекторҳо метавонанд дар раванди машғулиятҳо бо хоҳиши шунавандагон аз мавзуъҳои иловагӣ низ дарс гузаранд.**

**Мактабшиносӣ (тахассус – 72 соат)**

**Мавзуи 1.1. (6 соат). Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони)

муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Мавзуи 1.2. (4 соат). Нақшаи солонаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва принсипҳои мураттабсозии он.**

**Нақша**–тартиботи пешакии муайяншуда.

**Банақшагирӣ** –таҳияи нақшаҳои инкишоф ва иҷрои тадбирҳои ба ҳам алоқаманд. Банақшагирӣ – таҳияи нақша, ташкил ва назорати иҷрои он.

Таҳрир ва муҳокимаи нақша дар Шурои педагогӣ. Тасдиқи нақша дар Шурои педагогӣ. Нақшаи солонаи мактаб ҳуҷҷати муҳим ва дурнамои мактаб.

**Мавзуи 1.3. (4 соат). Оинномаи муассисаи таълимӣ**

Таҳияи Оинномаи муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ-ҳуҷҷати муҳими муассисӣ. Тартиби ташкил ва ваколатҳои Оинннома. Мавқею мақоми Оиннома дар фаъолияти муассисаи таълимӣ. Оиннома маҷмӯи низому қоидаҳо. Оиннома асноди меъёрию ҳуқуқии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ. Тасдиқи Оинномаи муассисаи таълимӣ. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият. Мақсади раванди таълим, навъ ва шакли барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ. Тавсифи асосии ташкили раванди таълим аз ҷумла забони таълим, тартиби қабул ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯён, аспирантхо, муҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, реҷаи кори муассисаи таълимӣ, хизматрасонии пулакии таълим ва тартиби пешниҳоди он. Сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии муассисаи таълимӣ аз ҷумла: тартиби истифодаи объектҳои моликият, ки аз ҷониби муассис ба муассисаи таълимӣ вобаста карда шудаанд.

## Мавзуи 1.4. (4 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Зарурияти таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд». Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Баробарии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд.

Ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд.

Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак.

Барқароркунӣ ва офияти иҷтимоии падар ва модар вобаста ба вазъи саломатӣ ва имконоти маҳдуди моддии онҳо, ки боиси иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои падарӣ ва модарӣ мешаванд. Мазмуни асосии қонун ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Қатъиян манъ кардани фарзанди ноболиғ дар тамошои филмҳо ва бозиҳои компютерӣ, ки хусусияти зӯроварӣ, экстремистӣ ва ғайриахлоқӣ доранд ва дар вақти шабона рафтани онҳо ба марказҳои дилхушӣ.

**Мавзуи 1.5. (4 соат). Раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

**Самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ.** — илмию техникӣ, таҷрибавию амалӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагон дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосҳои илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

— китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон баҳри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ, экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳо дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андӯхтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологӣ, сайёҳию кишваршиносӣ барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектҳои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ, тарбияи ҷисмонию варзиш, инкишофи қобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солим, ҳарбию ватандӯстӣ, ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии

таълимгирандагонро ба хизмати ҳарбӣ, солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити зарурирро барои истироҳати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахс.

**Мавзуи 1.6. (4 соат). Роҳҳои амалӣ намудани**

**«Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асоси методологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия. Мафҳум, мақсад вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ. Унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ аз инҳо иборатанд:

Тарбияи ғоявӣ. Тарбияи миллӣ. Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ. Тарбияи ватанпарастӣ. Тарбияи ахлоқи ва маънавӣ. Тарбияи маърифатӣ. Тарбияи ҳуқуқӣ. Тарбияи гуманистӣ. Тарбияи зебопарасӣ. Тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ. Тарбияи иқтисодӣ. Тарбияи экологӣ. Тарбияи сиёсӣ. Тарбияи ҷисмонӣ. Тарбияи тафаккури интиқодӣ. Тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ. Тарбияи масъулиятшиносӣ. Тарбияи тарзи ҳаёти солим.

Марҳилаҳои тарбия. Роҳҳо ва амалӣ гардидани Консепсия. Заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ. Таҳияи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи миллии шаҳрвандони кишвар. Тавсеа намудани мақоми забони миллӣ. Истифодаи рамзҳои давлатӣ ва миллӣ дар тарбияи шаҳрвандон. Баланд бардоштани масъулияти падару модар барои тарбия ва саломатии фарзандон. Таҳия ва тасдиқи меъёрҳои муздиҳии муосир ба кормандоне, ки ба кори тарбия машғуланд. Таҳия ва иҷрои барномаҳои давлатӣ, ки ба рушди тарбияи шаҳрвандон нигаронида шудаанд.

**Мавзуи 1.7. (6 соат) Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Мафҳуми салоҳият, босалоҳият, муносибати босалоҳият ба таълим, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими аънанвӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок.

**Мавзуи 1.8. (6 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»**

Қонуни мазкур сиёсати давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию молиявиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ муайян мекунад.

Муқаррароти умумӣ. Мақсад вазифа ва доираи амалии Қонуни мазкур. Мафҳумҳои асосӣ. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ. Мақсади таҳсилоти иловагӣ. Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ. Тартиби гирифтани таҳсилоти иловагӣ. Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Сохтор ва низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Ваколатҳои мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ. Шаклҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ. Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Ҳуқуқу

ӯҳдадориҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ. Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ.

**Мавзуи 1.9. (4 соат). Аттестатсияи кормандони педагогӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда**

Қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони идора ва шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мақсад ва вазифаҳои аттестатсия ва механизми гузаронидани он.

Тасдиқи қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони идора ва шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Принсипҳои асосии аттестатсия. Мақсади аттестатсия. Тартиби омодагӣ ва гузаронидани аттестатсия. Меъёри баҳодиҳӣ. Барои иҷрои кор дар сатҳи баланди касбӣ. Барои иҷрои кор дар сатҳи хуби касбӣ. Барои иҷрои кор дар сатҳи пасти миёнаи касбӣ. Барои иҷрои кор дар сатҳи пасти касбӣ.

Меъёрҳои ба дараҷаи тахассуси дараҷаи 1, дараҷаи 2, дараҷаи олӣ пешниҳод намудани аттестатсияшаванда. Барои дараҷаи олии тахассусӣ. Барои дараҷаи 1 тахассусӣ. Барои дараҷаи 2 тахассусӣ.

Чорабиниҳои муассисаи таълимӣ барои ташкил ва гузаронидани аттестатсия. Таҳияи ҷадвали гузаронидани аттестатсия. Тартиб додани руйхати аттестатсияшавандагон. Тайёр кардани ҳуҷҷатҳои аттестатсияшавандагон. Таҳияи саволҳо барои аттестатсияшавандагон. Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгор. Анкета. Тавсифнома. Протоколи №__ маҷлиси

комиссияи аттестатсионӣ. Шаҳодатномаи №___ Варақаи аттестатсионӣ. Фармоиши директори мактаб.

**Мавзуи 1.10. (2 соат). Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақоми роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар риояю омӯзиш ва корбасти он дар фаъолияти амалӣ. Дар коргузорӣ ва дар амал истифода кардани Кодекси меҳнат. «Муносибатҳое, ки қонунгузории меҳнат танзим менамояд». Манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси мазкур. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ. Санадҳо-созишномаҳо: Созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ). Шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ оид ба меҳнат (қоидаҳои дохилии меҳнат, ҷадвали рухсатиҳо, инчунин фармоишҳо, нишондодҳо ва дигар санадҳое, ки роҳбари ташкилот дар доираи салоҳияти худ мебарорад). Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст. Оид ба интизоми меҳнат. Тартиботи меҳнатӣ дар ташкилот бо қоидаҳои тартиботи дохилӣ. Ҳавасмандгардонии кормандон.

**Мавзуи 1. 11. (6 соат). Кори амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.**

Иштирок дар машғулиятҳои омӯзгорони маҳфилҳои таҳсилоти иловагӣ ва таҳлилу баррасии дарсҳои мушоҳидашуда. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории директорон ва

мушовирони таҳсилоти иловагӣ табодули таҷрибаи ҳамдигар. Хулосаю тавсияҳо.

**Мавзуи 1.12. (4 соат). Арзишҳо ва функсияҳои асосии таҳсилоти иловагӣ.**

Маълумот ҳамчун системаи ягона. Маълумоти асосӣ ва иловагӣ. Классификатсияи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Намудҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Марказҳо, клубҳо, стансияҳо, мактабҳо.

**Мавзуи 1.13. (6 соат). Фаъолияти беруназмактабӣ, беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ**

Моҳият ва хусусияти таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Шароитҳои инкишофи системаи таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Амаликунонии системаи таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи 1.14. (4 соат). Ташкили машғулият дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

Дарси муқаррарӣ ва машғулият – хусусиятҳои фарққунанда ва умумӣ. Сохтор, метод ва шаклҳои ташкили машғулият. Нақшаи машғулият ва таҳлили он. Хел (тип) ва намудҳои машғулият. Ҷараёни машғулият, тақсимоти вақт барои як соати академӣ. Сохтори умумии таҳлили дарси кушод дар маҳфил.

**Мавзуи 1.15. (4 соат). Фаъолияти ташкилӣ ва сохтории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.**

Машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Шумора ва давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо. Ташкили машғулиятҳо ва шумораи ҳайати иштирокунандагони маҳфил дар маҳфилҳои муассисаҳои

таҳсилоти иловагии давлатӣ. Қабули таълимгирандагон ба маҳфилҳо. Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ.

**Мавзуи 1.16. (4 соат). Нақша, мушоҳидаи дарс ва таҳлили он.**

Нақшаи дарс. Мақсади умумӣ ва муайяни дарс. Таҷриба ва фаъолиятҳои таълим. Нақши омӯзгор дар вақти таълими мавзуъ. Дарс ва таҳлил ҷузъи асосии назорати дохилимактабӣ. Мақсади иштирок ба дарс.

Омӯзиши ҳолати таълим. Назорати қисматҳои ҷудогонаи дарс. Ёрии методӣ. Мушоҳидаи таъмини ҷанбаи тарбиявии дарс. Омӯзиши фаъолияти омӯзгор барои аз аттестатсияи навбати гузаронидан. Фаъолияти омӯзгор тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи тасдиқ намудани қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони идора ва шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва таҳсилоти иловагии ҶТ». Мушоҳидаи берун аз нақша. Назорати иҷрои барномаи таълимӣ. Назорати техникаи бехатарӣ аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон (дар дарсҳои амалӣ).

**Мавзуи 1.17. (4 соат). Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ. Заминаҳои ба вуҷуд омадани коррупсия. Савдои одамон.**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия.Ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайхи коррупсия вазифаи ҳамагон аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон».

**Мавзуи 1.18. (4 соат). Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм**

Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ задани шаҳрвандон. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундраи исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

**Мавзуи 1.19 (2 соат). Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ**

Истифодаи воситаҳои нави техникӣ. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ. Тахтаи электронӣ. Проекторҳо. Видиопроекторҳо. Шабакаи интернет. Корҳои лаборатории автоматикунонда. Телефонҳои мобилӣ. Риояи техникаи бехатарӣ. Фарҳанги истифодабарии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва телефонҳои мобилӣ. Нақши мусбӣ ва манфии шабакаи интернет ва телефонҳои мобилӣ дар ҳаёти ҷомеа.

**Менеҷменти молиявӣ (18 соат)**

**Мавзуи 2.1. (6 соат). Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар мактаб**

Моҳият ва мундариҷаи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот. Алоқа бо таснифоти буҷетӣ. Принсипҳои мураттаб сохтани сметаи ягонаи даромаду хароҷот. Аҳамияти смета. Тартиби сохтан ва тасдиқ кардани смета. Банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии фаъолияти мактаб. Пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо.

**Мавзуи 2.2. (6 соат). Асосҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ.**

Мафҳуми маблағҳои асосӣ. Таркиби воситаҳои асосӣ. Баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ. Воситаҳои асосии муассиса. Барӯйхатгирии амволи воситаҳои асосӣ. Тартиби баҳисобгирӣ.

**Мавзуи 2.3. (6 соат). Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, маблағгузории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ, Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, маблағҳои иловагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тартиби муайяннамудаи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».

## 3. Мавзуъҳои иловагӣ

**Мавзуи 3.1. (4 соат). Нақшаи стратегӣ**

Зарурати нақшаи стратегӣ, муқаррар намудани ақалиятҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот.

**Стратегия** – ин роҳҳо ва тарзҳои ба даст овардани ҳадафҳост. Қадамҳо доир ба тартиб додани нақшаи стратегӣ. Ҷамъоварии иттилоот ва таҳлили он. Муқоиса намудани иттилооти ҷамъоварда бо миссияи муассисаи худ. Гузаронидани таҳқиқот. Ҷобаҷогузории эҳтиёҷот аз рӯи афзалият. Муайян кардани роҳҳо барои ҳалли онҳо. Ташкил кардани стратегия. Банақшагирии стратегӣ раванди тавсифи ҳадафҳо. Миссияи таълимгоҳ муҳимтарин мафҳумҳои идораи стратегияи мактаб ва тавсифи муҳими он. Миссияи таълимгоҳ ва нақшаҳои он.

**Мавзуи 3.2. (4 соат). Шаклҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ.**

Таҳсилоти иловагӣ дар шакли равиявӣ мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо назардошти дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо дар шаклҳои машғулият, маҳфил, дарс, лексия, машғулияти фардӣ, конференсия, семинар, хониш, саволу ҷавоб, консерт, мусобиқа, машқ, саёҳат, экспедитсия, кори амалӣ дар озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, гармхона, қитъаҳои замини илмию таҷрибавӣ, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар табиат ва дигар шаклҳои пешбининамудаи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия, тибқи талаботи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ. Намунаи шаҳодатнома (сертификат)-ро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад. Шаҳодатнома (сертификат)-ҳо барои муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии хусусӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон).

**Мавзуи 3.3. (2 соат). Идоракунии коллективи педагогӣ**

Нақши роҳбари мактаб дар омода намудани муҳити мувофиқ дар ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва ҳавасмандгардонӣ. Мақсадҳо ва вазифаҳои асосӣ. Муайян кардани – мавқеи фармондиҳӣ “дараҷаи аввал ва марказӣ. Муайян намудани мақсад ва вазифа. Фаҳмондадиҳӣ. Ҷалбкунӣ (ҳамкорӣ). Ҳавасмандкунӣ (мотиватсия).

**Мавзуи 3.4. (4 соат). Татбиқ намудани стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ**

Тартиби таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилот. Омӯзиши барнома ва нақшаҳои таълимӣ. Мувофиқати онҳо бо стандартҳои давлатии таҳсилот.

Стандарти давлатии таҳсилот - санади муҳими давлатӣ. Нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот. Ҳадди аққали ҳатмии мазмуни барномаҳои марбутаи таълимӣ ва шарту шароити иҷрои онҳо.

Ҳадди аққал ва ниҳоии ҳаҷми соатҳои таълимии хонандагон. Талаботи асосӣ ба дараҷаи тайёрии хонандагон. Муҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи меъёри марбутаи таҳсилот. Иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Нақшаи таълимӣ тасдиқи нақшаи таълимӣ.

Барномаҳои таълимӣ мазмуни меъёри марбутаи таҳсилот. Таҳсилоти томактабӣ. Таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус.

**Мавзуи 3.5. (2 соат). «Системаи иттилоотии идораи маориф” (СИИМ)**

Консепсияи «Системаи иттилоотии идораи соҳаи маориф». Амалишавии СИИМ. Истифодаи СИИМ. Манбаъҳои системаи иттилоотӣ. Манбаъҳои низоми иттилоот. Сифати маводи таълим - омӯзиш (масалан китобҳои дарсӣ). Сифати иншоот ва таҷҳизоти мактаб. Такмили сиёсати таҳсилот бо мақсади беҳтаркунии сифати он.

**Мавзуи 3.6. (4 соат). Муасисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсилоти иловагӣ чист? Ташкилёбӣ ва инкишофи системаи таҳсилоти иловагӣ. Низомномаи намунавии

муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии соҳаи маориф. Барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои таълимию тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои пешқадам. Ҷадвали машғулиятҳо. Шумора ва давомнокии машғулиятҳои ҳаррӯза. Оинномаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Мақсаду вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Иҷрои кору хизматрасонии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Воридот аз иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо. Омодасозӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии пулакии кадрҳо ва муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагӣ.

**Мавзуи 3.7. (2 соат). Таҳсил дар асри 21**

Маҳфумҳои асосии таҳсил дар асри 21. Таҳсилот дар сатҳи ҷаҳон ва маҳал дар асри 21. Муқаррарсозии робита байни таҳсил дар асри 20 ва асри 21. Робита байни мақсадҳои таҳсил дар асри 21 ва муносибати босалоҳият ба таълим. Унсурҳо ва асоси педагогикаи асри 21. Хусусиятҳои таҳсил дар асри 21.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

[1]. Бобоев Ҳ. Омилҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот бояд фаъол бошанд. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе, 2007. С. 48-60.

[2]. Бобоев Ҳ. Такмили ихтисос- зинаи ҳатмии таҳсилот. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе 2007. С. 28-40.

[3]. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04. 2021, №113.

[4]. Беляков С.А. «Финансирование системы образования», М.: МАКС Пресс, 2006.

[5]. Большаков Н.С. Необходимость совершенствования бюджетной системы. //Финансы 2002. С 19-20.

[6]. Доираи салоҳиятҳои омӯзгор. Душанбе, 2019. - 19 с.

[7]. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006, №94.

[8]. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2002, №200.

[9]. Консепсияи ташаккули ҳукумати электрони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, №643.

[10]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1329.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе: Шарқи Озод, 2013.- 41 с.

[12]. Кайзер Ф.Й., Камински Х. Методика преподавания экономических дисциплин. Москва, 2007. -182 с.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 24.12.2022, №1920.

[14]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2017.

[15]. Қодиров Ш. Идоракунии давлатию ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 212. - 143 с.

[16]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16.04.2012. №826.
[17]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқӣ кӯдак» аз 18.03.2015, №1196.
[18]. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2016, №93.
[19]. Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон. Дастури методӣ. Душанбе, 2010.
[20]. Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм то давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2021, №165.
[21]. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2021, №222.
[22]. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020. №526.
[23]. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 08. 2015, №494.
[24]. Тартиби ба навор гирифтани дарсҳои видеоӣ. Таҳсилоти давомноки босифат ва фарогир барои ҳамаи кӯдакон. Душанбе, 2021.- 13 с.
[25]. Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.06.2017, №281.
[26]. Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.04.2023, №377.
[27]. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Душанбе, 2006.

[28]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 «Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» /hhp://www.president. tj/node/22356.
[29]. Шарифов З, Ветров В.И, Катаева З.А. Концепция развития финансирования сферы образования РТ. Труды ТУТ. Выпуск X, Душанбе. Ирфон, 2004.
[30]. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. Вазифаҳои (намунавии) хизматии роҳбарон, омӯзгорон, кормандони педагогӣ, техникӣ ва хизматгузорони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, иловагӣ ва таълимӣ – методӣ. Душанбе – 2009.
[31]. Искандаров Ҳ. Ҳуҷҷатҳо ва назорат. Душанбе – 2009.
[32]. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. «Хадамоти мониторинг, таҳсилоти иловагии кӯдакон ва шаклҳои нави интихоби касбу ҳунар дар мактаб». Душанбе, 2009.
[33]. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф. Душанбе, 2011.
[34]. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2011.
[35]. Ҳуҷҷатгузорӣ дар кабинети методии шуъбаи маориф. Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», № 1, 2010, С.61-64
[36]. Муҳиддинов Қутбиддин. Банақшагирии раванди таълиму тарбия. Душанбе – 2010.
[37]. Муҳиддинов Қ., Зиёев М., Шодиева З.- Роҳнамои методӣ. Душанбе 2012.
[38]. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2030.
[39]. Таҳсилоти давомноки босифат ва фарогир барои ҳамаи кӯдакон. Душанбе, 2021. -13 с.
[40]. Ҳасанов С. Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми миллии таҳсилот. «Маърифати омӯзгор». Душанбе, 2020. - С.11.14.